**Рӯзномаи “Минбари халқ”, 20.01.2021**

# СИПОСИ НЕКИ ШОГИРДӢ

*Камина синфи 7-ум мехондам. Охирҳои тирамоҳи соли 1963 буд. Бародарам Насрулло, ки ба ростӣ Хайёмдӯст буд, он гоҳ шабона дар мактаб мехонду рӯзона ҳамроҳи янгаамон (ҳамсари Ғаффор Низомов) дар аввалин мағозаи худхизматрасонӣ кор мекард. Шояд ба хотири адабдӯстиаш, рафиқони бародарам калонсолтар буданд.*

*Рӯзе бародарам барвақт ба хона омада, хабар дод, ки ба хона меҳмонони бисёр мӯътабар меоянд, омодагӣ бигиред. Модар ва апаам Зулфия пеши дегу табақу дегдон рафтанду маро фармуданд, ки ба тартиби меҳмонхона бирасам.*

Меҳмонон омаданд, гирди хон нишастанд. (Баъдан фаҳмидам, ки меҳмонони муътабари мо донишманди бузург Соҳиб Табаров бо шогирдонашон Раҳим Мусулмониён ва Бахтиёри Муртазо будаанд). Ман сачоқ сари китф, дар як даст чилобчин, дар дасти дигар дастшӯя ба хона даромадам. Об гирифтам. Пас аз андак нишастан муаллим Соҳиб Табаров ишора карданд, ки хона каме сардтоб аст. Бародарам фармуд, ки бухорӣ - печкаро дар диҳам. Бухории оҳанӣ, агарчи шинонда шуда буд, аммо ҳанӯз оташи аввали тирамоҳиро надида буд. Бухориро дар додам. Оташ кам-кам рушан гирифта, оҳиста ба дудғӯла печид ва ногоҳ гуппас дудғӯларо даруни хона зад. Маълум шуд, ки даҳани болои бомии бухорӣ пӯшида монда ва ҳанӯз даҳани лӯла накушода. То болои бом баромадаму даҳани лӯла кушодам, ки хона пур аз дуд шуда буду чашмҳо дар хатар аз дуд обкушо ва гулуҳо дар ҳимояти шуш сулфаафшон. Ҳаворо тоза кардем. Оташваррос ба сӯхтан даромад. Ҳангоми даробароям шунидам, ки муаллими бузургвор Соҳиб Табаров гуфтанд:

- Саҳар райиси колхозатон хонаи Раҳимҷон омада, моро ба меҳмонӣ хонааш хонд. Эҳтиромашро қабул кардам. Пас аз рафтани ӯ ба Раҳимҷон гуфтам, ки ба хонаи райисатон намеравам. Худат медонӣ, ки тоби мансабдоронро надорам. Раҳимҷон гуфт: “ин хел ки бошад, ба хонаи як рафиқи ҷавони адабдӯсти Хайёмпарасти ману Бахтиёр меравем, хурсанд мешавад. Агарчи камбағал аст, вале дилу дасти кушод дорад”. Гуфтам: агар камбағал бошаду ба илова ҷавони Хайёмдӯст, меравем. Кулбаҳакони фақиронаи худамон файзи дигар дорад.

- Агарчи бо дудғӯла, - лутф карданд акаи Бахтиёр.

- Бале, дудғӯла ҳам бошад, - тасдиқ карданд устоди азиз Соҳиб Табаров ва қаҳқаҳаи баланд хест.

Ин дидори аввали камина бо меҳмонони азизи ин бораи хонаамон буд…

Солҳо мегузаштанд. Мо ҳам ба хонаи муаллим Раҳим Мусулмониён меҳмон мешудем. Гоҳе бисёр хастаашон медидем. Боре аз домодашон Сиҷоатуллои равоншод пурсидам, ки бисёр мешинанд?

- Як мисол, - гуфт ӯ, - дершиниашон сари кор маро ба ҳайрат гузошта буд. Рӯзе хостам дақиқ созам, ки чӣ қадар тоб меоварда бошад. Бо як шиштан баъди 8 соат аз ҷой хестанд ва бисёр гушна монда.

- Оре, авомро ба худсӯзи олим чӣ кор, - аз дил гузарондам, беҳуда Ҳофизи бузургвор нагуфта: “Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо”.

Табиати бузург барои инсонитарсозии ҷомеа бар гӯши зиёӣ бори бисёр сангинро мегузорад ва ӯ бояд беминнат онро бикашад…

Насими нав ба вазидан даромад ва фарзандони ҳушёри миллатро далертар кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамқадами замон бошад. Вале ин ба чашми душманони беруна сахт расид. Заминаи омодагии вайронсозиро ҳам аз пеш, давоми ҷанги даҳсолаи миёни Шӯравиву Афғонистон гузошта будаанд.

Зархаридони инҷоӣ доштаанд. Зиёиёни гаправри низ гӯл заданд. Ва маҳалчигиро ба бозӣ андохтанд. Яъне аз нигоҳи равоншиносӣ омухта буданд. Дасти бегонагон бо ёрии дасти бегонапарастони худамон ҷумҳурии азизи моро на танҳо олуданд, ки хунро то ғарғара печонданд …

Дар Эрон низ ба ҳамон усули пеш сари кор шиштанд ва дар бораи тоҷику тоҷикистонӣ ва Тоҷикистон беш аз 700 мақола навиштанд ва дар Доират-ул-маорифи Эрон чоп карданд.

Сипоси беҳаду ҳисоб табиати бузургро, ки фарзанди миллатдӯсти ростинро рӯи кор овард. Ва он кас бо ҷасорати беҳамто ва меҳанпарастии бемисл парокандагиро барҳам заданд. Ҳамаро бахшиданд ва Пешвои ростини халқ ва Тоҷикистон шуданд. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун чароғи ростини фарҳанги миллӣ номи Тоҷикистони озодро дар ойинаи ҷаҳон дурахшон карданду бунёди нурафрузии зебои ояндаро гузоштанд.

Дар ин партав, мақолаи Ҷ. Темурзода “Кӯлвори ёдҳо” сазовори дастгирии гармест, зеро дар он сухан аз омӯзгори беназир ва донишманди ростин РаҳимМусулмониён меравад ва поси хотирдории шогирд одоби аввал аст.

**Зиё Абдулло, шоир**

Рӯзномаи "Минбари халқ", 20.01.2021

Ҳамовозӣ

# СИПОСИ НЕКИ ШОГИРДӢ

*Камина синфи 7-ум мехондам. Охирҳои тирамоҳи соли 1963 буд. Бародарам Насрулло, ки ба ростӣ Хайёмдӯст буд, он гоҳ шабона дар мактаб мехонду рӯзона ҳамроҳи янгаамон (ҳамсари Ғаффор Низомов) дар аввалин мағозаи худхизматрасонӣ кор мекард. Шояд ба хотири адабдӯстиаш, рафиқони бародарам калонсолтар буданд.*

*Рӯзе бародарам барвақт ба хона омада, хабар дод, ки ба хона меҳмонони бисёр муътабар меоянд, омодагӣ бигиред. Модар ва апаам Зулфия пеши дегу табақу дегдон рафтанду маро фармуданд, ки ба тартиби меҳмонхона бирасам.*

**МЕҲМОНОН** омаданд, пирди хон нишастанд. (Баъдан фаҳмидам, ки меҳмонони муътабари мо донишманди бузург Соҳиб Табаров бо шогирдонашон Раҳими Мусулмониён ва Бахтиёри Муртазо буданд.) Ман сачоқ сари китф, дар як даст чилобчин, дар дасти дигар дастшӯя ба хона даромадам. Об гирифтам. Пас аз андак нишастан муаллим Соҳиб Табаров ишора карданд, ки хона каме сардтоб аст. Бародарам фармуд, ки бухорӣ – печкаро дар диҳам. Бухорӣ оҳанӣ, агарчи шикаста шуда буд, вале ҳанӯз оташи аввали тирамоҳиро надида буд. Бухориро даргирондам. Оташ кам-кам рӯшан гирифта, оҳиста ба дудғӯла печид ва ногоҳ гулпас дудгулпаро даруни хона зад. Маълум шуд, ки даҳани болои бомии бухорӣ пӯшида монда ва ҳанӯз даҳани лӯла нокушода. То болои бом баромадаму даҳани лӯла кушодам, ки хона пур аз дуд шуда буду чашмҳо дар хатар аз дуд обкушо ва гулӯҳо дар ҳимояти шуш сулфафишон. Ҳаворо тоза кардем. Оташ варрос ба сӯхтан даромад. Ҳангоми даробароям шунидам, ки муаллими бузургвор Соҳиб Табаров гуфтанд:

- Саҳар раиси колхозатон хонаи Раҳимҷон омада, моро ба меҳмонии хонааш хонд. Эҳтиромашро қабул кардем. Пас аз рафтани ӯ ба Раҳимҷон гуфтам, ки ба хонаи раисатон намеравем. Худат медонӣ, ки тоби мансабдоронро надорам. Раҳимҷон гуфт: - Ин хел ки бошад, ба хонаи як рафиқи ҷавони адабдӯсти Хайёмпарасти ману Бахтиёр меравем, хурсанд мешавад. Агарчи камбағал аст вале дилу дасти кушод дорад. Гуфтам: - Агар камбағал бошаду ба илова ҷавони Хайёмдӯст, меравем. Кулбаҳакони фақиронаи худамон файзи дигар дорад.

- Агарчи бо дудғӯла, - лутф карданд акаи Бахтиёр.

- Бале, дудғӯла ҳам бошад, - тасдиқ карданд устоди азиз Соҳиб Табаров ва қаҳқаҳан баланд хест.

Ин дидори аввали камина бо меҳмонони азизи ин бораи хонаамон буд...

Солҳо мегузаштанд. Мо ҳам ба хонаи муаллим Раҳими Мусулмониён меҳмон мешудем. Гоҳе бисёр хастаашон медидем. Боре аз домодашон Сиёватуллоҳ равоншод пурсидам, ки бисёр мешинанд?

- Як мисол, - гуфт ӯ, - дершинишашон сари кор маро ба ҳайрат гузошта буд. Рӯзе хостам дақиқ созам, ки чӣ қадар тоб меоварда бошад. Бо як шиштан баъди 8 соат аз ҷо хестанд ва бисёр гушна монда.

- Оре, аксаро ба худсӯзи олим чӣ кор, - аз дил гузарондам, беҳуда Ҳофизи бузургвор нагуфта: «Куҷо донанд ҳоли мо сабуксорони соҳилҳо».

Табиати бузург барои инсонитарсозии ҷомеа бар дӯши зиёӣ бори бисёр сангинро мегузорад ва ӯ бояд беминнат онро бикашад...

Насими нав ба ватандан даромад ва фарзандони ҳушёри миллатро далертар кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамқадами замон бошад. Вале ин ба чашми душманони беруна сахт расид. Заминаи омодагии вайронсозиро ҳам аз пеш, давоми ҷанги даҳсолаи миёни Шӯравию Афғонистон гузошта буданд.




Зархаридони инҷоӣ доштаанд. Зиёиёни гаправро низ гӯл заданд. Ва маҳалчигиро ба бозӣ андохтанд. Яъне, аз нигоҳи равоншиносӣ омӯхта будаанд. Дасти бегонагон бо ёрии дасти бегонапарастони худамон Ҷумҳурии азизи моро на танҳо олуданд, ки хунро то гарғара печонданд...

Дар Эрон низ ба ҳамон усули пеш сари кор шиштанд ва дар бораи тоҷику тоҷикистонӣ ва Тоҷикистон беш аз ҳафтсад мақола навиштанд ва дар Доират-ул-маорифи Эрон чоп карданд.

Сипоси беқаду ҳисоб табиати бузургро, ки фарзанди миллатдӯсти ростинро рӯи кор овард. Ва он кас бо ҷасорати беҳамто ва меҳанпарастии бемисл парокандагиро барҳам заданд. Ҳамаро бахшиданд ва Пешвои ростини халқ ва Тоҷикистон шуданд. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун чароғи ростини фарҳанги миллӣ номи Тоҷикистони озодро дар оинаи ҷаҳон дурахшон карданду бунёди нурафрӯзаи зебои оиндаро гузоштанд.

Дар ин партав, мақолаи Ҷ. Темурзода «Кӯлвори ёдҳо» сазовори дастгирии гармест, зеро дар он сухан аз омӯзгори беназир ва донишманди ростин Раҳими Мусулмониён меравад ва поси хотирдории шогирд одоби аввал аст.

**Зиё АБДУЛЛО,** *шоир*